## Хулосаи

комиссияи ташхисии Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 045 дар назди МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" оид ба диссертатсияи номзадии Тошхоҷаева Сурайё Акрамҷоновна дар мавзӯи «Методҳои такмили мазмуни таълими фанни технология дар асоси корбасти гулдӯзии ороишии миллии тоҷикӣ», ки барои муҳокима ба кафедраи нақшакашӣ, геометрияи тасвирӣ ва методикаи таълими МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» пешниҳод гардидааст.

Мавзӯи рисолаи номзадии Тошхоҷаева Сурайё Акрамҷоновна аз мавзӯъҳои актуалӣ ва басо муҳим ба ҳисоб рафта, сарчашмаҳои ороишоти гулдӯзии миллии тоҷикӣ, сабабҳои маъруфияти чандинасраи он ва огоҳии комил пайдо намудан аз ҷаҳони эҷодии ҳунармандони халқи тоҷик мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Дар замони Истиқлолияти Ҷумҳурӣ зарурат ва аҳамияти рӯй овардан ба манбаъҳои муҳими миллӣ дарк гардидааст.

Анъанаҳои миллии тоҷикон таърихи кадима дошта, ҳазорҳо сол қабл пайдо шудаанд.

Мутаассифона, дар замони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ осори бисёре аз ҳунармандони мардумӣ таназзул ёфта, имрӯзҳо дар ҷумҳурӣ эҳёи талафот шурӯъ шудааст. Ин эҳё дар якчанд самтҳо сурат мегирад: таърихӣ, бостоншиносӣ (археологӣ), санъатшиносӣ, фарҳанг, маориф ва ғайра.

Муаллиф дақиқан муайян намудааст, ки омодагии этнопедагогии омӯзгорон аз рӯйи маводи маросиму анъанаҳои миллӣ таҳқурсиест барои барқарор кардан ва ташаккул додани анъанаҳои миллии таълиму тарбия, беҳдошти ҳолати номатлуби тарбияи ахлоқӣ дар мактабҳо, зеро дар донишгоҳи педагогӣ то вақтҳои охир чунин тайёрӣ амалӣ намегашт.

Дар рисолаи мазкур қоидаҳои асосӣ, хулоса ва таклифу пешниҳодҳо дар асоси методологияи диалектикӣ тартиб дода шудаанд.

Мақсади тадқиқот, метод, шакл ва воситаҳои амалишавии онҳо аз вазифаҳое, ки ҷамъияти муосир дар назди кормандони соҳаи маориф гузоштааст, сарчашма мегиранд.

Маҷмӯи тадқиқотҳо, ки ҳисоби сифативу миқдории системанокро талаб менамояд, ба муаллифи рисола имкон доданд, ки фарзияи тадқиқот тасдиқ гардида, пешниҳодҳои илмии дар рисола нишондодашуда аз ҷиҳати илмӣ бо таҳлили чуқуру амиқ асоснок карда шаванд.

Таҳқиқи муқарраротри илмӣ, хулосаҳо ва таклифу пешниҳодҳо, ки дар рисола ҷой дода шудаанд, бо консепсияи илмии ташхиси педагогӣ, таҳлили шароитҳо ва натиҷаи тадқиқоти таҷрибавӣ – озмоишӣ, тасдиқи муқаррароти дар фарзияи рисола пешниҳодгардида ва таҷрибаи шахсии муаллифи рисола таъмин карда мешаванд.

Диссертатсия ба талаботи банди 44 - уми Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳоест, ки барои рушди илми педагогика, алалхусус илми педагогикаи халқӣ ва асоси корбасти гулдӯзии ороишии миллии тоҷикӣ ( сӯзанӣ) муҳим арзёбӣ мегарданд.

Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад.

Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 13.00.02- Назария ва усулҳои омӯзишу парвариш (технология (таълими меҳнат)) (илмҳои педагогӣ), ки аз рӯи он ба Шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз санаи 7-уми декабри соли 2017, таҳти №78 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвони илмӣ дода мешаванд, мувофиқат мекунад.

Аз тарафи диссертант Тошхоҷаева С. А. он натиҷаҳое, ки дар раванди таҳқиқот ба даст овардааст, дар 26 адад асари илмӣ: 5 мақолаи илмии дар нашрияҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда, 17 мақола дар маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, 1 мақола дар маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ инъикос шудаанд ва ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзӯи рисолаи илмӣ бевосита алоқаманд мебошанд. Ҳамчунин 3 дастури таълимӣ таҳия карда шудаанд.

Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф ифодаи худро ёфтаанд.

Саҳми шахсии унвонҷӯ дар таҳқиқ ва ба даст овардани натиҷаҳо дар навъҳои гуногуни фаъолият: илмӣ, педагогӣ, ташкилӣ ва методӣ зоҳир гардидааст.

Натиҷаҳои ҳосилшуда, ки дар хулосаҳои ҷамъбастии диссертатсия ифода ёфтаанд, фарзияи тақикро тасдиқ менамоянд ва ҳаллу фасли доираи масъалаҳои онро собит месозанд.

Автореферат мутобиқат ба мантиқи таҳқиқ таҳия гардида, муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос менамояд.

Натиҷаҳои илмие, ки унвонҷӯ ба даст овардааст, ба ихтисоси 13.00.02 - Назария ва усулҳои омӯзишу парвариш (технология (таълими меҳнат)) (илмҳои педагогӣ) мувофиқанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии Тошхоҷаева С.А. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути

иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 109 – и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Тошхоҷаева С.А. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯ бачопрасида мавҷуд нестанд.

Комиссияи ташхисӣ тибқи банди 55-уми Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ба ҳисоб гирифта, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Тошхоҷаева Сурайё Акрамҷоновна дар мавзӯи «Методҳои такмили мазмуни таълими фанни технология дар асоси корбасти гулдӯзии ороишии миллии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02-Назария ва усулҳои омӯзишу парвариш (технология (таълими меҳнат)) (илмҳои педагогӣ), ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА -045-и назди МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъйин карда шаванд:

- Мансурӣ Дилрабо Сайдулло - доктори илмҳои техникӣ, профессори кафедраи «Дизайни либос ва санъати мӯд»-и Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

- Рӯзиева Мавлюда Давроновна – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими фанҳои табиӣ-риёзии Филиали муассисаи давлатии “Донишкадаи Ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф” дар вилояти Суғд.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода таъйин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои техникӣ,
аъзои шӯрои диссертатсионӣ Ишматов А.Б.

**Аъзои комиссия:**
номзади илмҳои педагогӣ,
аъзои шӯрои диссертатсионӣ Ашӯров М.Ҷ.

номзади илмҳои педагогӣ,
аъзои шӯрои диссертатсионӣ Холматов Ҷ.М.

Санаи 25.09.2019 с.